# Бо мақсади риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии Ноҳияи Ванҷ суҳбату вохӯриҳо гузаронида шуд

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 22 Май, 2025 - 21:50
[1]

Бо мақсади амалӣ намудани бандҳои «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» ва доир ба амалисозии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 «Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ«

ҷиҳати бо назардошти риояи қатъии қоидаҳои имло ва аломатҳои китобат гурӯҳи кории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1-и ноҳияи Ванҷ суҳбату вохӯрӣ гузарониданд.
Роҳбари гурӯҳи корӣ сардори шуъбаи ҳуқуқ, кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи забон ва истилоҳот Эраҷ Сафарзода наврасону ҷавононро барои арҷгузорӣ ба забонва эҳтиром ба ин муқаддасоти олиамон даъват карда, иброз намуд, ки забони тоҷикӣ на танҳо воситаи муошират, балки оинаи таърих, фарҳанг ва ҳувияти миллии мост.
Иброз гардид, ки қабул ва тасдиқи Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 аз таваҷҷуҳи хоссаи роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ далолат мекунад. Зеро забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Ҳоло баҳо надорад

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

- 

**Манбаъ::**http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/bo-maksadi-rioyai-koidakhoi-imloi-zaboni-tochiki-dar-muassisakhoi-talimii-nokhiyai-vanch?mini=2025-08&page=15&qt-quicktabs=2

**Пайвандҳо**
[1] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/500032748_1221567228084623966_598065316191948742_n.jpg [2] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/500053585_1221567227664623962_043169484002173920_n.jpg [4] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/500032748_1221567228084623966_598065316191948742_n.jpg